# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилщоевич дар мавзуи «Ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-XI-и форсу тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ). Душанбе, 2025

Тарбияи шуури илмӣ, ягонагӣ ва ифтихори миллӣ дар ҷомеаи мо падидаи нав буда, яке аз вазифаҳои имрӯза маҳсуб меёбад ва дар нутқу гузоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон равшан ифода ёфтааст: «Тоҷикистони соҳибистиқлол, ҷомеаи навбунёди мо ба шахсоне эҳтиёҷ дорад, ки ҷаҳонбинии нав дошта, идеологияи навро азхуд мекунанд. Мазмун ва моҳияти ин идеологияи навро бояд эҳсоси ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ, муҳаббат ва давлатдорӣ, муҳаббат ба Ватан ва ба тамоми инсоният, умуман тамоми арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ ташкил намояд».

«Мақсади асосии низоми таҳсилот тарбияи шахсиятҳои фаъолу созанда аст. Дар робита ба ин масъалаҳо дар шуури хонандагон ва ҷавонон тарбия намудани эҳсоси ифтихори миллӣ, зҳтиром ба арзишҳои миллии маънавӣ ва сохтори демократӣ, ки то имрӯз ба дастовардҳои илм, техника, фарҳанг такя мекарданд, зери назорати давлат қарор доранд» - таъкид месозанд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Таҳсилот бояд «ба инсон шуури маънавӣ эҳё кунад, донишҳои зарурӣ ва арзишҳои миллию умумибашариро омӯзонад, барои ҳифзи Ватан, забон ва фарҳанги миллат омода созад, ба забон, фарҳанг ва анъанаҳои миллии халқҳои дигар эҳтиром ба ҷо оварданро тарбия намояд" омадааст дар Консепсияи милии таҳсилот.

Мақсаду вазифаҳои ниҳоии тарбияи миллӣ ташаккули инсони комил, соҳиби Ватан, нангу номуси миллӣ, ифодагари симои зеҳнию маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои дигари инсонӣ мебошад. Масъалаҳои эҳёи мероси таърихию фарҳангӣ, ки ба ташаккули ғояҳои шаҳрвандию башардӯстӣ равона гардидааст, ба номи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд мебошад: «Мо бояд такя ба ганҷинаи беназири фарҳангу ахлоқи ниёгонамон, дар таълим ва тарбия тартибу низом ҷорӣ намоем ва педагогикаро ба маҷрое, ки ҷавобгӯи талаботи ҷомеа ва ҷаҳони муосир мебошад, равона созем». (Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.04.2006). Моҳияти он дар арзишҳои фарҳангии

миллии тоҷикон, ки дар мероси фарҳангии мутаффакирони асримиёнагӣ инъикос ёфтааст, мояи ифтихори халқи мост ва қисми таркибии арзишҳои умумиинсонӣ мебошанд. Ба ақидаи онҳо маънавиёт (хирад) дар сифатҳо ва хосиятҳои худи инсон нуҳуфтааст, ки дар қобилияти худшиносӣ, эҳсоси таърих, замону фазо, тафаккур, қобилияти омӯзиши забонҳо, эҳсос, одобу ахлоқ, дониш, маҳорату малака, эҷодкорӣ ва ғайра ифода меёбад. Бо дарназардошти ин масоил тадқиқот дар мавзуи «Ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-XI-и форсу тоҷик» аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ Саидиброимов Ш.О. замонавӣ ва зарурӣ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, 4 боб, 12 зербоб, хулоса ва тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, рӯйхати адабиёт иборат аст. Муҳтавои диссертатсия дар 368 матни асосии саҳифаи чопи компютерӣ инъикос гардидааст. Рӯйхати адабиёт 404 номгӯйи таҳқиқоти илмӣ ва дигар маводҳои заруриро дар бар мегирад.

Дар муқаддима диссертант аҳамият, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, навгониҳои илмӣ ва дигар ҷанбаҳоро аз нигоҳи илмӣ асоснок намудааст.

Дар бобҳои 1 ва 2-и кори тадқиқотӣ, ки қисматҳои назариявии мавзуъро дар бар мегирад, докторант роҳҳои инкишофи хирад ва нақши он дар ҳаёти инсоният, махсусан, ташаккули арзишҳои миллӣ, ватандӯстӣ ва худшиносии миллиро аз нигоҳи мутафаккирони асрҳои номбурда баррасӣ намудааст. Дар асоси мисолҳои зиёд аз ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои зикргардида, иқтибосҳо аз асарҳои илмиву адабӣ ва методӣ оид ба нақши хирад дар ташаккули сирати миллӣ ва дар маҷмӯъ дар таълиму тарбияи насли наврас баён гардидаанд.

Бобҳои 3-4 ба масъалаи амалигардонии назария дар амал бахшида шудаанд. Диссертант бо таваҷҷуҳ намудан ба маълумотҳои назариявӣ оид ба масъалаҳои интихобшуда ва таҷрибаи бойи филиали муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар ВМКБ (филиали ДҶТИБКСМ дар ВМКБ) ва таҷрибаю таҳқиқотҳои анҷомдодаи муаллиф дар муассисаҳои таълимии ин вилоят роҳҳои амалӣ намудани ақидаҳои педагогии мутафаккирони тоҷикро оид ба хирад ва нақши он дар ташаккули сирати миллӣ дар муассисаҳои таълимии кишвар пешниҳод намудааст.

Саидиброимов Ш.О. дар рафти тадқиқот ба хулосае омадааст, ки дар замони муосир нисбат ба асрҳову солҳои гузашта талабот ба

омӯзиши осори мутафаккирони асрҳои X-XI ва дигар классикони тоҷик афзуда, истифодаи он дар тарбияи насли наврас масъалаи мубрами рӯз ба шумор меравад. Мавсуф иброз медорад, ки дар давраи Тоҷикистони соҳибистиқлол ба эҳё ва аҳамияти калони иҷтимоӣ, тарбиявӣ, сиёсии арзишҳои миллӣ аз нав зарурият пайдо шуд. То даме, ки насли наврас аз пайдоишу ташаккул ва инкишофи мафҳум, шакл, моҳият, мазмун, вазифа ва аҳамияти арзишҳои маънавӣ бохабар набошад, онҳо аз ҳиссиёти миллӣ, шуури миллӣ, ифтихори миллӣ ва истиқлолияту ваҳдати миллӣ сарфаҳм намераванд. Бесабаб Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нагуфтаанд: «Маърифат асоси худшиносии миллат аст, идеологияи ватандӯстӣ ва ваҳдати миллӣ идеологияи аз ҳама асосӣ мебошад».

Диссертант бори аввал ташаккули хирадро ҳамчун хориқаи сирати миллӣ ҳамаҷониба мавриди омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили амиқи илмӣ қарор дода, тавонистааст, ки ин ақидаҳоро дар ташаккули маънавиёти насли наврас ҳамчун омили ташаккули сирати миллӣ, низоми таҳсилоти миллӣ ва роҳҳои татбиқи онро дар педагогикаи миллӣ муайян намояд.

Кӯшиш ба харҷ додааст, ки ин ақоиди мероси ниёконро дар муносибати босалоҳит дар таълим ва назарияҳои технологияи муосири таълим ғунҷонад.

Хулосаҳои илмии асоснок имконият медиҳад, ки тарбияи насли наврас дар рӯҳияи арзишҳои миллӣ, сирати миллӣ ва салоҳиятҳои иҷтимоӣ- шахсии замина мегардад.

Ҳамзамон мақоми анъанаҳои милливу мардумӣ дар мисоли ҷашнгирии Наврӯз дар Бадахшони Тоҷикистон ва педагогикаи мардумии тоҷикони Бадахшон дар ҳамбастагӣ бо ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI ва нақши ин педагогика ва анъанаҳо дар ташаккули сирати миллӣ ва фарҳанги маънавии мардуми Бадахшон моҳирона инъикос ёфтааст.

Автореферат ва мақолаҳои нашршудаи диссертант мазмуну мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсиониро пурра инъикос менамоянд. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дорои арзиши баланди илмӣ буда, фарогири масъалаҳои муҳим дар рушди низоми илми педагогикаи ватанӣ мебошад.

Бо вуҷуди муваффақиятҳо дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд. Инҳо ба монанди хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ мебошанд, ки мазмуну мундариҷаи кори таҳқиқотиро коста намегардонанд.

# ХУЛОСА

Кори илмӣ-тадқиқотии Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич дар мавзуи «Ташаккули хирад ҳамчун холиқаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-XI-и форсу тоҷик» ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ва аз 26.06.2023 №295 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор аст.

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Сабурӣ Хайрулло Мирзозода

03.03.2025

<u>Маълумот барои тамос:</u>

Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1; Тел.: (+992) 928057007. почтаи элек: rayosati_kadr@mail.ru вебсайт: www.hgu.tg

Имзои Сабурӣ Хайрулло Мирзозодаро тасдиқ менамоям.
Сардори РК ва КМ МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Сайдуллозода З.С.